HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 16-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИҲАМДИГАРИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ

**Иброгимов Қудратбек Ешдавлатович**
Донишкадаи соҳибкори ва педагогикаи Денав факултети
педагогика равияи таҳсилоти ибтидоӣ донишҷӯи соли Дуюми гурӯҳи 108-БТ
Email: ibragimov413@gmail.com
https://doi.org/10.5281/zenodo.17338060

**Аннотатсия:** Муаллиф нишон медиҳад, ки дар зинаи ибтидоии таҳсилот муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон – дӯстӣ, ҳамкорӣ, эҳтиром ва масъулият – ҳамчун яке аз омилҳои асосии тарбияи ахлоқӣ баромад мекунанд. Дар он нақши муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, эҳтироми мутақобила, ҳисси масъулият ва ҳамкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки муҳити синфӣ ва робитаҳои солими ҳамсолон имконияти фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шахсият ва ахлоқи кӯдаконро таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо:** Муносибатҳои байниҳамдигарӣ, хонандагон, тарбияи ахлоқӣ, ҳамкорӣ, дӯстӣ, фарҳанги муошират.

**Annotatsiya:** Muallif ta'limning boshlang'ich bosqichida o'quvchilar o'rtasidagi shaxslararo munosabatlar - do'stlik, hamkorlik, hurmat va mas'uliyat axloqiy tarbiyaning asosiy omillaridan biri sifatida harakat qilishini ko'rsatadi. Talabalar o'rtasidagi shaxslararo munosabatlarning roli axloqiy qadriyatlar, o'zaro hurmat, mas'uliyat tuyg'usi va hamkorlikni shakllantirishda. Muallif sinfdagi muhit, tengdoshlarning sog'lom munosabatlari bolalar shaxsi va axloqiy fazilatlarini rivojlantirish uchun qulay shart-sharoitlar yaratish imkoniyatini beradi.

**Kalit so'zlar:** Shaxslararo munosabatlar, o'quvchilar, axloqiy tarbiya, hamkorlik, do'stlik, muloqot madaniyati.

**Аннотация:** Автор показывает, что на начальном этапе обучения межличностные отношения между учащимися – дружба, сотрудничество, уважение и ответственность – выступают одним из основных факторов нравственного воспитания. Раскрывается роль межличностных отношений между учащимися в формировании нравственных ценностей, взаимоуважения, чувства ответственности и сотрудничества. Автор показывает, что атмосфера в классе и здоровые отношения со сверстниками создают благоприятные условия для развития личности и нравственности детей.

**Ключевые слова:** Межличностные отношения, студенты, нравственное воспитание, сотрудничество, дружба, культура общения.

**Abstract:** The author shows that at the primary level of education, interpersonal relationships between students - friendship, cooperation, respect and responsibility - act as one of the main factors of moral education. The role of interpersonal relationships between students in the formation of moral values, mutual respect, a sense of responsibility, and cooperation. The author shows that the classroom environment and healthy peer relationships provide the opportunity to create favorable conditions for the development of children's personality and morality.

**Keywords:** Interpersonal relationships, students, moral education, cooperation, friendship, culture of communication.

Дар назди мактаби муосир вазифаи тарбияи одами нави ҳаматарафа инкишофёфта одаме, ки боигарии маънавӣ, покизагии ахлоқ, такомули ҷисмонӣ дошта бошад, меистад. Ҳалли ин масъалаи муҳим аз системаи методҳои тарбияи ахлоқӣ васеъ истифода бурданро талаб мекунад. Донистани методҳои тарбияи ахлок на фақат барои муаллимону мураббиён, инчунин барои падару модарон ва ҳамаи онҳое, ки ба тарбияи бачагон сару кор доранд, зарур аст. Методҳои тарбияи ахлоқӣ бо мақсад, мазмун ва характери худ аз методҳои ахлоқӣ динӣ ба кулӣ фарқ мекунанд. Дар мо бачагон зидди худбинӣ, ҳирси чизпарастӣ, бахилӣ тарбия дода мешаванд, то ки онҳо ба воя расида манфиати умумро афзал донанд, мувофиқи принсипи "Як кас барои ҳама, ҳама барои як кас" амал кунанд. Яке аз принсипҳои ахлоқӣ дар рӯҳияи коллективизм тарбия намудан аст. Барои он ки дар рӯҳияи дӯстӣ ва ҳамкорӣ тарбия диҳем, дар мадди аввал таъсиррасонии коллективро бояд таъмин кард.

Маҳз дар коллектив тарбия самараи дилхоҳ дода метавонад, зеро коллектив қувваи бузург буда, ба воситаҳои он хонандагон аз ҳамдигар меомӯзанд ва ибрат мегиранд. "Шахс чизҳои аз ҳама заруртарро фақат дар коллектив гирифта метавонад, ки ин чизҳо ба ӯ имконият медиҳанд маълумоти худро ҳаматарафа инкишоф диҳад" гуфтани К.Маркс ҳам дар ҳамин аст. Дар ҷое, ки ҳоло коллектив ташкил наёфтааст, ҳамаи роҳбарӣ ва талабгузорӣ ба зиммаи муаллим ё мураббӣ меафтад, ки ин кори тарбияро хеле душвор мегардонад. Ҳамин ки коллективи дуруст ташкил ёфт, кор ранги дигар мегирад, коллектив дасти гирои муаллим мегардад. Методҳои тарбияи ахлок умумӣ ва фардӣ ба кор бурда мешаванд. Инчунин интихоби онҳо бештар ба синну сол, таҷриба ва хусусиятҳои индивидуалии хонандагон вобаста аст. Чунончӣ, ба бачагони синни хурди мактабӣ нисбат ба эътиқод, методи машқ бештар мувофик меояд. Бачагон чӣ қадар калон шудан гиранд, ҷараёни тарбияи ахлоқи онҳо ҳамон қадар тағъир меёбад, фаъолияти мустакилӣ, худидоракунӣ, худтарбиякунии онҳо афзудан мегирад. Барои он ки тарбияи ахлоқии бачагон пойдор ва ғанитар гардад, назорати муаллимон, падару модарон, ташкилотҳои дахлдор ҳатмист. Методҳои тарбияи ахлок инҳоанд: эътиқод, машк, ибрат, намуна, ҳавасмандкунӣ ва ҷазодиҳӣ. Методи эътиқод ва машқ бо ҳам алоқаи зич доранд, зеро боварӣ ба воситаи машқ мустаҳкам мегардад. Чунончи, кӯдак аз хоб хеста дасту рӯй мешӯяд, вале ба калонсолони оила салом намедиҳад. Модар ин камбудии ӯро нишон дода, қоидаи саломкуниро мефаҳмонад ва барои он ки ӯ минбаъд фаромӯш накунад, чанд пагоҳӣ мушоҳида мебарад ва агар лозим шавад, салом доданашро хотиррасон карда меистад, то даме ки дар ӯ саломдиҳии пагоҳи одат гардад. Эътиқод ё ки боваркунонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори тарбиятгирандагон таъсир расонидан аст.

Усулҳои асосии эътиқод аз фаҳмонидан, ёд додан, панду насиҳат, маслиҳат, илтимос ва хоҳиш, фармоиш ва талаб, ҳикоя кардан, сӯҳбати ахлоқӣ, маърӯза, лексия, мубоҳиса ва амсоли инҳо иборатанд. Китоб, маҷалла, кинофилмҳо, театр, радио ҳамчун воситаҳои боваркунонӣ хизмат мекунанд. Мураббӣ бо ин усулҳо маҳдуд нашуда, метавонад аз шаклҳои гуногун, чун конференсияи китобхонон, вохӯриҳо, шабҳои бадей низ истифода барад. Ба бача ба воситаи фаҳмондан ин ё он қоидаи рафторро ёд медиҳанд, бо далелу исботҳо боварӣ ҳосил мекунонанд. Панду насиҳат аз усулҳои тарбияи ахлоқ буда, аз он нафақат муаллимону мураббиён, инчунин падару модарон ва

калонсолон истифода мебаранд. Онҳо таҷрибаҳои ҳаёт, дидаю шунидаи худро бо мисолҳо, панду ҳикматҳои халқӣ ба бачагон нақл мекунанд, онҳоро ба феълу хӯи нек даъват менамоянд. Бояд гуфт, ки насиҳатгӯй меъёр ва мавқеи худро дорад. Вақту новақт ва дурудароз насиҳатгӯй кардан қиммату обрӯи шахсро паст мекунад. Бинобар ин, пеш аз он ки насиҳат дода шавад, ба он пухта тайёрӣ дидан лозим аст. Албатта, муаллими ҷавон ҳангоми насиҳатгӯй бо падару модарони кӯҳансол эҳтиёткорона бояд рафтор кунад. "Шумо аз ман чанд курта пеш дарондаед, хушахлоқ тарбия додани бачаро нағз медонед. Лекин баъзан беандешагӣ мекунед. Ба мо дар мактаб ин тавр ёд додаанд, дар китобҳо инхел менависанд...", гуфта сарахбор карданашон аз рӯи одоб аст. Умуман, тавре кардан лозим аст, ки хотирашон малол наёбад ва насиҳат шакли маслиҳатро гирад. Маслиҳат мавриди рӯй додани ягон ҳодиса, душвории кор, дармонӣ дар ягон масъалаи тарбияи ахлоқӣ ба кор бурда мешавад. Бачагон ба шахсе бовар мекунанд, ки бо маслиҳатҳои дурусти ӯ ноили муваффақиятҳо гаштаанд. Боварӣ ба шахсияти бачагон низ таъсири калони тарбиявӣ мерасонад. Масалан, муаллим бачаро барои аз дарсҳо кафо монданаш сарзаниш карда, мактубчаи огоҳкунии ба падару модараш навиштаашро ба худи ӯ дода гуфт: Хоҳишмандам, ки хатчаро ба падару модарат бурда хонда деҳ. Воқеан, бача мактубро ба падару модараш бурда хонда дод ва айбашро ба гардан гирифт. Бо ин ӯ ба боварию эҳтироми муаллимаш сазовор гашт. Дигар ин ки ӯ хуб медонист, агар аз ин кор саркашӣ кунад, онро рӯзи дигар ягон ҳамсинфаш иҷро хоҳад кард.

Дар тарбияи ахлоқии бачагон аз воситаҳои талабгузорӣ ва фармоиш низ истифода бурда мешавад. Талабгузорӣ, амру фармон ва супоришҳое, ки ба хонандагон дода мешаванд, бояд равшан, фаҳмо, муайян, қатъӣ бошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар иҷрои фармоиш ва супориш талабгузорӣ аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Модар як супориш диҳаду падар онро бекор кунад, ё як муаллим қоиданигариро талаб кунаду дигаре не, меъёри муносибат ва рафтори бачагон вайрон мешавад, низоъ ба миён меояд.Маънои психологии дар он аст, ки хонандагон аз рафторҳои ноҷояшон ғусса мехӯранд, шарму ҳаё мекунанд, гуноҳро ба гардан мегиранд, ба ислоҳи саҳву хатоҳо мекӯшанд. Дар мактаб ҷазоҳои зерин дода мешавад: сарзаниши педагог, дар назди парта рост гузоштан, дар назди синф ҷазо додан, барои иҷрои вазифа баъди дарс нигоҳ доштан, ба шӯрои педагогӣ даъват намудан, ҷазо бо воситаи фармони мактаб, паст кардани баҳои рафтору ахлок, ба синфи параллелӣ гузаронидан, аз мактаб хориҷ намудан. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар назди коллективи синф, звено, танбеҳу огоҳӣ додан таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тавр, ташаккул додани симои ахлоқии шахс чараёни басо мураккаб аст. Он мунтазам, устуворона кор бурдани омӯзгорон ва мураббиёнро талаб мекунад. Дар ҳалли ин масъала ба онҳо системаи метод ва воситаҳои тарбияи ахлоқӣ кӯмак мерасонанд. Метод ва воситаҳои тарбияи ахлоқ он вақт самараи дилхоҳ дода метавонанд, ки аз онҳо васеъ ва дуруст, ташаббускорона ва эҷодкорона истифода бурда шавад.

## Адабиётҳои истифодашуда:

1.Назарова М. Тарбияи маънавии ҷавонон дар шароити муосир. – Самарқанд Ирфон, 2019.

2.Холов Ш. Асосҳои педагогика ва психология. – Хуҷанд: Нури маърифат,Раҳимов А. Асосҳои педагогика. – Бухоро: Маориф, 2019.
3.. Ҳомидов Н. Педагогикаи умумӣ. – Самарқанд Ирфон, 2020.
4. Юсуфбеков Қ. Психология ва педагогика. – Фарғона Дониш, 2018.
5. Халилов М. Методикаи таълими ибтидоӣ. Нури маърифат, 2021.
6. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O 'RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA'NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.